***Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, e-mail:faridullo72@mail.ru***

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи “Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)***

Дар шароити иқтисоди кунунӣ тақвият додани бахшҳои нисбатан муҳими иқтисоди кишвар ва махсусан бахши воқеӣ, метавонад амнияти иқтисодии кишварро дар шароити торафт бесуботшавии вазъи иқтисоди ҷаҳон таъмин намояд. Бинобар ин, барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо дастгирии соҳибкорӣ аз ҷумла, соҳибкории истеҳсолӣ тавассути такмили роҳҳои андозбандӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муаллиф, дар таҳқиқоти илмӣ, масъалаи баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар тавассути рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи моддие ба шумор меравад, ки фаъолияти ҳамгироии байни субъектҳои хоҷагидор вусъат дода, занҷираи арзиши иловашударо аз ҳисоби коркарди ашёи хоми ватанӣ ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани он баланд мегардонад ва ҳамзамон устувории буҷети сатҳҳои гуногунро таъмин менамояд.

Ба андешаи муаллиф, тақвият додани соҳибкории инфиродӣ бо роҳи беҳгардонии раванди маъмурикунонии андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, вусъат бахшидани ҷараёни рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ ҳамчун воситаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ дар асоси сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, васеъшавии манбаи андоз ва усутуворгардонии буҷет равона гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки автореферати рисолаи таҳқиқотӣ бо як тарзу услуби хоса ва бо назардошти талаботҳои мавҷуда мавриди омода қарор дода шуда, муаллиф ба таври комил ақидаҳои худро пешниҳод намудааст. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамзамон, дар автореферат камбудиҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд мубрамияти рисолаи таҳқиқотиро бештар намоянд.

1. Амиқтар муайян намоии тарафҳои мусбӣ ва манфии режимҳои махсуси андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ;

2. Ошкорнамоии омилҳои ба ҳаҷми пардохтҳои андозии аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ба буҷетҳои зинаҳои гуногун воридшаванда.

Дар умум автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқарриз,**
**н.и.и., и.в., дотсенти кафедраи**
**иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Фатҳуллозода А.Ф.**

**Имзои Фатҳуллозода А.Ф.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, куч. С. Сафарова 16. Телефон (992) 988019666, E-mail: kholiq8989@mail.ru